| | |
|---|---|
| Дар Вазорати адлияи | Бо қарори Раёсати |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бонки миллии Тоҷикистон |
| таҳти №878 аз 17 феврали с. 2017 | таҳти №203 аз "29" декабри с.2016 |
| **"ба қайд гирифта шудааст"** | **"тасдиқ шудааст"** |

# ТАРТИБИ ТАБДИЛДИҲИИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ АНЪАНАВӢ БА ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ

Тартиби табдилдиҳии ташкилоти қарзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" таҳия шуда, тартиби табдилдиҳӣ, расмиёт, механизм ва усулҳои табдилдиҳии ташкилоти қарзии анъанавиро ба ташкилоти қарзии исломӣ тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур идоракунии қарзи дебиторӣ ва кредитории ташкилоти қарзии анъанавиро то табдилдиҳӣ, новобаста аз он ки чунин қарзи дебиторӣ ва кредиторӣ қабул ё пардохт карда шудааст, муайян менамояд.

2. Тартиби мазкур тарзҳои муносибат бо дороиҳои манъшудаеро, ки ба ташкилоти қарзии анъанавӣ то табдилдиҳӣ тааллуқ доштанд, инчунин усулҳои қатъи ҳуқуқи моликият ба онҳоро муайян менамояд.

3. Тартиби мазкур амалиёти ташкилоти қарзии анъанавии табдилшавандаро, ки воқеан иҷозат дода шудаанд ё фоидаи ба тарзи дуруст гирифтаро танзим наменамояд.

4. Табдилдиҳии ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ фосилаҳои зеринро дар бар мегирад:

-дар давраи табдилдиҳии ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ бояд тамоми талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ риоя карда шавад;

- ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ичрои аҳдҳоеро, ки принсипҳои маблағгузории исломӣ онҳоро манъ кардааст ва онҳо то қабули қарор оид ба табдилдиҳӣ баста шудаанд, бояд қатъ намоянд. Ҳамаи аҳдҳои ташкилотҳои қарзии анъанавӣ, ки пас аз табдилдиҳӣ амалӣ мешаванд, ба қоида ва принсипҳои маблағгузории исломӣ бояд мутобиқат намоянд;

-ба таъхир андохтани ҳисоби ниҳоӣ аз рӯи аҳдҳои манъшуда, ки то табдилдиҳӣ баста шудаанд, иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар чунин батаъхирандозӣ ногузир ё зарур бошад. Ҳолатҳое, ки зимни онҳо табдилдиҳӣ сурат мегирад, бахри пешгири хавфи муфлисшавӣ ё қатъи амалиёти бонкӣ бояд ба назар гирифта шаванд;

- ташкилоти қарзии анъанавӣ наметавонад то пурра ба итмом расидани ҷараёни табдилдиҳӣ ташкилоти қарзии табдилшуда ва ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳисоб равад.

5. Ташкилоти қарзии анъанавӣ барои анҷомдиҳии бомуваффақияти табдилдиҳӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ бояд чораҳои зеринро андешад:

- ҳамаи расмиёти ҳатмиро барои табдил муайян ва амалӣ намуда, шароити заруриро муҳайё намояд, роҳҳои алтернативиро нисбат ба фаъолияти молиявии манъшуда баррасӣ намояд;

-кормандони худро барои иҷрои дахлдори расмиёти табдилдиҳӣ омода намояд;

- тағйироти дахлдорро ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ ворид намояд;

- таҷдиди сохтори ташкилии ташкилоти қарзии анъанавиро анҷом диҳад;

- Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва Кумитаи аудитро таъсис диҳад;

- мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ шаклҳои амалкунандаи шартномаҳоро иваз ё шаклҳои намунавии шартномаҳоро таҳия намояд;

-дар ташкилотҳои қарзии исломии ватанӣ ё байналмилалӣ суратҳисобҳо кушояд, инчунин таҷдиди суратҳисобҳоро дар бонкҳои муросилотии анъанавии ватанӣ ва байналмилалӣ анҷом диҳад. Ҳамагуна ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии анъанавӣ бояд дар сатҳи зарурати чунин ҳамкорӣ маҳдуд гардад;

-барномаи махсуси таълими кормандонро мутобиқи талаботи стандартҳои амалкунандаи принсипҳои маблағгузории исломӣ таҳия намояд.

## БОБИ 2. МУНОСИБАТ БО БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ АНЪАНАВӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ

6. Ташкилоти қарзии табдилшаванда ҳама гуна ҳамкориро бо Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба пасандозҳо, барои таъмини пардохтпазирӣ бояд тарзе ба роҳ монад, ки он ба принсипҳои маблағгузории исломӣ, хусусан ба қоидаҳои танзимкунандаи аҳдҳои рибодошта мухолифат накунад. Бар ивази маблағи мунтазам барои захира аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон талабшаванда ва бар ивази боздоштани маблағҳои суратҳисоб, нигоҳ доштани қарзи дебитории дар намуди векселҳои кӯтоҳмуддат пешниҳодгардида ва аз ҷониби муштариён дар муҳлати нисбатан дертар пардохтшаванда иҷозат дода мешавад.

7. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ҳамчунин воситаҳои молиявии исломиро истифода намуда, лоиҳаҳои давлатиро маблағгузорӣ намояд.

8. Барои ташкилоти қарзии анъанавӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии дутарафа алтернативаи имконпазир инҳо мебошанд:

-нигоҳдории суратҳисоби ҷорӣ, ки аз рӯи он фоиз ҳисоб карда

намешавад;

-қатъи ҳуқуқи моликият ба фоизҳои гирифташуда ва интиқоли маблағҳо ба хайрия;

-коркарди усулҳои дигаргунсозии хусусияти ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини пардохтпазирӣ тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ.

9. Ташкилотҳои қарзии табдилшаванда таҷдиди шартномаҳоро бо ташкилотҳои қарзии анъанавӣ дар асоси шартномаҳои бефоиз ва истифодаи воситаҳои аз нигоҳи принсипҳои маблағгузории исломӣ қобили қабул анҷом медиҳанд.

10. Ташкилотҳои қарзии табдилшаванда миқдори аҳдҳоро бо ташкилотҳои қарзии исломӣ тавассути кушодани суратҳисобҳои ҷорӣ ва инвеститсионии дутарафа, инчунин тақвият додани ҳамкорӣ дар соҳаи интиқоли маблағ, эътиборномаҳои ҳуҷҷатӣ ва маблағгузории синдитсионӣ зиёд менамояд.

## БОБИ 3. ОҚИБАТҲОИ ТАБДИЛДИҲӢ БАРОИ ҚАРЗИ ДЕБИТОРӢ

11. Ташкилоти қарзии табдилшаванда бояд тамоми оқибати шартномаҳои анъанавӣ, ки аз рӯи онҳо дороиҳои пулӣ гирифтааст ва бояд фоиз пардохт кунад, новобаста аз он, ки тарафи шартнома шахсони воқеӣ, ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ё Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, бартараф намояд. Чунин бартарафкунӣ ба ғайр аз дигар ҳолатҳо, шартҳои бо амонатҳо, саҳмияҳои имтиёзнок, вомбаргҳои сармоягузорӣ ва сертификатҳои фоиздор алоқамандро , ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии анъанавӣ то қабули қарор оид ба табдилдиҳӣ бароварда шудаанд, дар бар мегирад.

12. Ташкилоти қарзии табдилшаванда ҳангоми ба даст овардани воситаҳои зарурӣ барои фаъолият ё иҷрои уҳдадориҳои худ бояд аз усулҳои иҷозатдодашуда истифода барад. Ба сифати усулҳои иҷозатдодашуда инҳо баромад карда метавонанд:

- зиёд намудани сармояи оинномавии ташкилоти қарзии анъанавӣ аз ҳисоби саҳми саҳмиядорон (иштирокчиён) ба воситаи суратҳисобҳои ҷорӣ ва ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ;

-барориши сукук (вомбаргҳои исломӣ), ба монанди сукуки музораба, сукуки мушорака ё сукуки иҷора мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ;

-бастани шартномаҳои салам, ки аз рӯи онҳо ташкилоти қарзии табдилшаванда ҳамчун молрасон баромад мекунад, ё шартномаҳои истисноъ, ки аз рӯи онҳо ташкилоти қарзии табдилшаванда ҳамчун истеҳсолкунанда ё сохтмончӣ баромад мекунад, агар нархи шартномаи истисноъ пешакӣ ба ташкилоти қарзии табдилшаванда пардохт карда шавад;

-бастани шартномаҳо бо роҳи фурӯши қисми дороиҳои ташкилоти қарзии табдилшаванда бар ивази воситаҳои пардохтпазир ва иҷораи онҳо тибқи шартномаи иҷора;

-бастани шартномаҳои таваррук мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ бо роҳи харидани мол бо ба таъхир гузоштани пардохт ва фурӯши он ба шахси сеюм, ки фурӯшандаи аввала намебошад, бо шартҳои пардохти фаврӣ.

13. Агар сармояи ташкилоти қарзии анъанавӣ дар натиҷаи амалиётҳои манъшуда ё ташкили захираҳои ба амалиётҳои манъшуда асосёфта зиёд шавад, нисбат ба он муқаррароти бобҳои 4 ва 7 Тартиби мазкур татбиқ мегардад.

## БОБИ 4. ТАЪСИРИ ОҚИБАТҲОИ ТАБДИЛДИҲӢ БА САРМОЯГУЗОРӢ

14. Ҳангоми табдилдиҳӣ истифодаи ҳамаи воситаҳои сармоягузорӣ, ки бо фоиз асос ёфтаанд, бояд қатъ карда шавад ва онҳо бояд ба воситаҳои аз нигоҳи принсипҳои маблағгузории исломӣ иҷозатдодашуда (ба мисли, Музораба, навъҳои Мушорака, Мушоракаи камшаванда, Муғораса, Мусоқо маблағгузорӣ бо роҳи фурӯш ва батаъхирандозии пардохт, Муробаҳа барои харидори ниҳоӣ, Салам, Истисноъ, Иҷораи амалиётӣ, Иҷораи мунтаҳия биттамлик ва дигар воситаҳои молиявӣ ва сармоягузории иҷозатдодашуда) иваз карда шаванд.

15. Ташкилоти қарзии анъанавӣ бояд тамоми чораҳои имконпазирро барои қатъ намудани ҳамаи қарзҳои фоиздори то қабули қарор оид ба табдилдиҳӣ додашуда, новобаста аз мӯҳлати онҳо, андешида, минбаъд маблағи асосии ин қарзҳоро мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ба воситаҳои молиявӣ табдил диҳад. Агар ташкилоти қарзии анъанавӣ баъзе аз ин қарзҳоро қатъ карда натавонад, дар ин ҳолат он бояд фоизҳои гирифташударо тибқи муқаррароти банди 23 Тартиби мазкур ихтиёрдорӣ намояд.

## БОБИ 5. ТАРТИБИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ДЕБИТОРӢ ВА КРЕДИТОРИИ МАНЪШУДАИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ АНЪАНАВӢ ТО ТАБДИЛДИҲӢ

16. Аз лаҳзаи оғози давраи молиявӣ ташкилоти қарзии анъанавӣ, ки оид ба табдилдиҳӣ қарор қабул менамояд, бояд амалҳои зеринро анҷом диҳад:

- агар ташкилоти қарзии анъанавӣ бо мақсади табдилдиҳии он ба ташкилоти қарзии исломӣ харидорӣ карда шавад, соҳибони нави он ӯҳдадор намебошанд, ки аз фоизҳо ва даромади манъшудаи то чунин харид бадастомада даст кашанд ;

- агар ташкилоти қарзии анъанавӣ расмиёти табдилдиҳиро ба ташкилоти қарзии исломӣ бо қарори саҳмиядорони (иштирокчиёни) худ анҷом диҳад, пас лаҳзаи қатъи ҳуқуқи моликият ба фоиз ва даромади манъшуда аввали соли молиявӣ, ки дар он табдилдиҳӣ оғоз мешавад, ба ҳисоб меравад. Аммо аз даромадҳои манъшудаи то табдилдиҳӣ тақсимшуда, саҳмиядорон (иштирокчиён) бояд мустақилона тибқи

принсипҳои маблағгузории исломӣ озод шаванд. Ташкилоти қарзии анъанавӣ дар навбати худ набояд ин амалро анҷом диҳад.

17. Ташкилоти қарзии анъанавӣ ҳуқуқ ба даромадҳои ҳанӯз нагирифтаро, ки манъкунии онҳо шубҳаовар аст, набояд ҳатман қатъ намояд, новобаста аз он ки чунин даромадҳо то ё дар давоми соли молиявӣ, ки дар он қарор оид ба табдилдиҳи қабул мегардад, ба даст омадаанд, ба шарте, ки асосҳои дар банди 22 Тартиби мазкур пешбинигардида мавҷуд бошанд. Қоидаи мазкур ба даромадҳое низ татбиқ мешавад, ки нисбати ҷоиз будани онҳо шубҳа ҷой дорад, вале онҳо аллакай ба таври боварибахш, ки бо ин асосҳо раво мебошанд, гирифта шудаанд:

- тафсири шахсе, ки барои анҷом додани иҷтиҳоди аз рӯи масъалаҳои алоҳида аз нигоҳи ҳуқуқӣ тафсиршаванда тахассус дорад;

- хулосаи Шӯрои машваратии хизматрасониҳои бонкии исломӣ.

18. Агар ташкилоти қарзии анъанавӣ ба дороиҳои ғайрипулии манъшуда ҳуқуқ дошта бошад, он метавонад ин дороиҳоро бо нияти нест кардани онҳо қабул намояд. Агар ташкилоти қарзии анъанавӣ ба гирифтани мукофотпулӣ барои фурӯши дороиҳо ва хизматҳои манъшуда ҳуқуқ дошта бошад, пас ташкилоти қарзии анъанавӣ метавонад мукофотпулиро ба мақсадҳои хайриявӣ гирад. Ҳамин қоида ба дилхоҳ даромади дар давоми давра аз ҳисоби дороиҳои манъшуда бадастомада, ки дар он ташкилоти қарзии анъанавӣ қарор оид ба табдилдиҳӣ қабул менамояд, татбиқ мегардад. Дар ҳарду маврид набояд ба он роҳ дод, ки муштарӣ аз пардохти уҳдадориҳои худ ба ташкилоти қарзии анъанавӣ даст кашад, дар акси ҳол чунин муштарӣ ниҳоят ба ду арзиши эквивалентии ҳамон як аҳд ҳуқуқ ба даст меорад: худи мол ё хизмати расонидашуда ва маблағе, ки бояд барои пардохти мол ё хизмати расонидашуда равон карда шавад.

19. Агар ташкилоти қарзии анъанавӣ ҷараёни табдилдиҳиро гузашта бошад ва дар таркиби дороиҳои моддии он молҳои манъшуда мавҷуд бошанд, пас ташкилоти қарзии анъанавӣ уҳдадор аст чунин молҳоро нобуд намояд. Агар ташкилоти қарзии анъанавӣ баъзе аз ин молҳоро фурӯхта, вале маблағи онро нагирифта бошад, пас бояд он маблағро гирифта, барои хайрия равон намояд.

20. Агар дороиҳои ғайригардони ташкилоти қарзии анъанавӣ биноҳоеро дар бар гиранд, ки барои фаъолияти манъшуда таъйин шудаанд, бояд таъиноти ин биноҳо барои амалиёт ва хизматҳои иҷозатдодашуда иваз карда шаванд.

21. Идоракунии қарзи кредитории манъшуда тариқи зайл анҷом дода мешавад:

а) мувофиқи тартиби табдилдиҳии дохилӣ:

- агар қарзи кредиторӣ дар шакли уҳдадорӣ оид ба пардохти фоизҳо бошад, пас ташкилоти қарзии анъанавӣ бояд ҳамаи воситаҳои қонуниро барои роҳ надодани пардохти ин фоизҳо истифода барад. Ин қоида ба маблағи қарзи асосӣ дахл надорад. Ташкилоти қарзии анъанавӣ набояд фоиз пардозад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ниҳоят заруранд;

- агар қарзи кредиторӣ дар шакли уҳдадорӣ оид ба хизматрасонии

манъшуда бошад, пас ташкилоти қарзии анъанавӣ уҳдадор аст тамоми чораҳоро барои қатъи чунин уҳдадориҳо андешида, ҳаққи барои хизмати расонидашуда гирифтаро баргардонад, ҳатто агар ба ташкилоти қарзии анъанавӣ барои иҷро накардани чунин уҳдадорӣ пардохтани ҷубронпулӣ лозим ояд;

б) тартиби табдилдиҳии беруна бо роҳи хариди ташкилоти қарзии анъанавӣ аз ҷониби тарафҳои барои табдилдиҳии он манфиатдор:

- агар харидор барои муқаррар намудани шарти аз шартномаи хариду фурӯш берун кардани қарзҳои дебитории манъшуда (фоизҳо ва дороиҳои манъшуда), ки ба зиммаи ташкилоти қарзии анъанавӣ ҳастанд, имконият дошта бошад ва имконияти ба зиммаи фурӯшанда вогузоштани уҳдадориҳо аз рӯи қарзҳои кредитории манъшуда мавҷуд бошад, дар ин ҳолат харидор уҳдадор аст, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ин амалро иҷро намояд;

-аммо агар хариди ташкилоти қарзии анъанавӣ бе бадаст овардани ҳамаи дороиҳои он, аз ҷумла дороиҳои манъшуда ва қарзи дебиторӣ ғайриимкон бошад, пас ин барои монеъ шудан ба чунин харид асос шуда наметавонад, ба шарте ки харидор кӯшиш намояд, ки ҳарчӣ зудтар уҳдадориҳои манъшударо пардохт намояд, ҳатто агар ба у лозим шавад, ки ба қарздеҳони ташкилоти қарзии анъанавӣ пардохти пешакии қарзро бо дарназардошти дисконт пешниҳод намояд.

22. Тартиби идоракунии молу мулки гарави манъшуда:

-саҳмиядорон (иштирокчиён) уҳдадоранд, ки ҷораёни озодшавии ҳамаи молу мулки гарави манъшудаи ба дороиҳои ташкилоти қарзии анъанавӣ алоқамандро тезонанд;

-дар ҳолати табдилдиҳии беруна харидор бояд қайд намояд, ки фурӯшанда молу мулки гарави манъшударо ба молу мулки гарави иҷозатдодашуда иваз намояд.

## БОБИ 6. ҚАТЪИ ҲУҚУҚ БА ДАРОМАДҲОИ МАНЪШУДА

23. Ҳамаи даромадҳои манъшудаи то табдилдиҳии ташкилоти қарзи анъанавӣ бадастомада, ки ҳуқуқ ба онҳо бояд мутобиқи қоидаҳои Тартиби мазкур қатъ карда шавад, бояд фавран барои хайрия равон карда шаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки фавран ва пурра супоридани даромадҳои нораво ба бадшавии ҳолати молиявӣ ё муфлисшавии ташкилоти қарзии анъанавӣ оварда мерасонад.

24. Ҳама гуна пардохтҳои фоизӣ ва дигар даромадҳои манъшуда бояд барои хайрия ва мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ равона карда шаванд. Ба ташкилоти қарзии анъанавии табдилшаванда иҷозат дода намешавад, ки бевосита ё бавосита, ба таври моддӣ ё ғайримоддӣ ин воситаҳоро барои фоидаи худ истифода барад. Чунин воситаҳои пулӣ бояд мутобиқи қарори Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии ташкилоти қарзии исломӣ барои мақсадҳои хайриявӣ ва мақсадҳои муфиди ҷамъиятӣ равона карда шаванд.

## БОБИ 7. УҲДАДОРИИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ АНЪАНАВӢ ОИД БА ПАРДОХТИ ЗАКОТ ТО ҚАБУЛИ ҚАРОР ДАР БОРАИ ТАБДИЛДИҲӢ

25. Агар табдилдиҳӣ табдил ташабусси шахсони беруна бошад, ки ташкилоти қарзии анъанавиро бо мақсади табдилдиҳӣ харидорӣ карда бошанд, пас онҳо барои пардохти закот барои давраҳои молиявии пешина уҳдадор нестанд, зеро пардохти закот барои давраҳои пешина ба зиммаи собиқ моликони ташкилоти қарзии анъанавӣ гузошта мешавад. Уҳдадорӣ оид ба пардохти закот ба зиммаи моликони нав аз санаи қабули қарор дар бораи табдилдиҳӣ гузошта мешавад.

26. Агар қарор оид ба табдилдиҳӣ аз ҷониби саҳмиядорони (иштирокчиёни) ташкилоти қарзии анъанавӣ қабул шуда бошад ва закот барои давраҳои пешина пардохт нашуда бошад, онҳо уҳдадоранд барои ин давраҳо закот пардохт намоянд. Саҳмиядорон (иштирокчиён) бояд ҳаминро ба инобат гиранд, ки ба зиммаи онҳо пардохти закот гузошта шудааст, ҳатто агар даромадҳои бадастомада ва маблағҳо манъшуда бошанд, зеро саҳмиядорон (иштирокчиён) дар мадди аввал уҳдадоранд, ки аз ҳама гуна фоизҳои ҳисобшуда ва даромадҳои манъшуда даст кашанд. Ҳамин тариқ, пардохти закот ин қисми уҳдадорӣ оид ба қатъи ҳуқуқ барои даромадҳои манъшуда ва даромадҳои фоизӣ мебошад.